Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Фозилов Раҷабмурод Шодиевич, аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент дар мавзӯи "Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор" (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)**

Зимни навиштан ва таҳияи автореферат, ба рушди устувори иқтисодӣ ва расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ дар шароити минтақаи биёбонӣ асосан аз фаъолияти бахши беҳдошт ва обёрикунонии замин вобаста аст. Бинобар он дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 масъалаи "баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои замину об ва инсонӣ дар асоси беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои кишоварзӣ ва таъмини шуғли пурмаҳсул барои аҳолии деҳот, ҳамзамон таҷдид ва барқарор намудани инфрасохтори обёрӣ.." ба як аз самтҳои муҳим ва афзалиятнок боқи мондааст.(с.80) Кам гардидани сармоягузориҳо дар низоми соҳаи об ва барқарорсозии система (маҷмӯ)-ҳои обёришаванда боиси бад гардидани шароити техникӣ ва иқтисодии системаҳои ирригатсионӣ, деградатсия (харобшавӣ)-и заминҳои обёришаванда, баланд гардидани обҳои зеризаминӣ, афзоиши талафи захираҳои об ва паст гардидани ҳосилнокии зироатҳо дар низоми самаранокии маҷмӯи мелиоратсия ва обёрии минтақаҳо ва умуман дар кишвар мегардад, ки ҳалли мушкилоти экологиву иқтисодии истифодаи системаҳои ирригатсионӣ дар шароити минтақаи барои обёрикунонӣ эҳтиёҷманд мебошад. Автореферат

Дар автореферат муаллиф кушиш ба харҷ додааст, ки ҷанбаҳои назариявию методологии идоракунии истифодаи самаранокии захираҳои обию ирригатсионӣ, ки аз нуқтаи назари иқтисодӣ самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ бехавф мебошанд, мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Худи мафҳуми «ирригатсия»-обёрӣ дар марҳилаи кунунӣ, ки яке аз хусуси-ятҳои асосии он принсипҳои консепсияи муосир ҳамчун ҳамгироии байни ҷомеа ва табиат тавассути мутобиқсозии ниҳоӣ ба талаботи инсон муаррифӣ мегардад, исти-фода мешавадкеан ҳакм муаллиф мафҳуми "иригатсия"-ро дар партави таълимоти рушди устувор арзёбӣ намудааст. Чи тавре, ки вай қайд намудааст "худи мафҳуми «ирригатсия»-обёрӣ дар марҳилаи кунунӣ, ки яке аз хусуси-ятҳои асосии он принсипҳои консепсияи муосир ҳамчун ҳамгироии байни ҷомеа ва табиат тавассути мутобиқсозии ниҳоӣ ба талаботи инсон муаррифӣ мегардад, истифода мешавад" (сах 9) Инчунин ба муаллиф муйясар гаштааст, ки самтҳои асосии идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ ва роҳҳои такмилдиҳии сохтори идоракунӣ ҳамчун раванди муҳими бехатарии истифодаи оқилонаи захираҳои обию ирригатсионии кишварҳои Осиёи Марказӣ коркард ва пешниҳод намояд, ки омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонӣ оиди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ ба роҳ монда шуда, имконияти истифодаи амалии он дар шароити минтақаҳои барои обёрӣ мувофиқи кишварҳои минтақа пешниҳод намудааст. (с.11)

Муаллиф муҳимияти равиши иқтисодиро дар коркард ва татбиқи сиёсати хориҷӣ дар соҳаи муносибатҳои об ва механизмҳои идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ қайд намудааст: “эътирофи об ҳамчун сарвати иқтисодӣ ва муқаррар намудани механизми иқтисодии истифодаи об, дастгирии тадбирҳои минтақавӣ оид ба идораи муштараки захираҳои об таъсис ва таҳкими механизми самарабахши пешгирӣ ва ҳалли ихтилофоти бамиёномада, хусусан дар солҳои камобӣ” бояд дар замини сиётаи давлатӣ доир ба об қарор гирад. (с.18)

Муаллиф дар асоси таҳлили васеъи илмӣ зарурати таъмини рушди инфрасохтори самараноки идоракунии захираҳои об, системаҳои ирригатсионии муосир, ҳамчун инструменти муҳими идоракунӣ ва такмил додани усулҳои идоракуниро дар асоси ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар шароити афзудани маҳдудияти захираҳои об таъкид намудааст.(с. 23)

Унвонҷӯ Фозилов Раҷабмурод Шодиевич тавонистааст, ки хеле саривақтӣ ва бомаврид мавзӯи “Ташаккул ва рушди идоракунии иқтидорҳои обию ирригатсионӣ дар доираи рушди устувор” (дар мисоли кишварҳои осиёи марказӣ)-ро ба ҳайси масъалаи таҳқиқотӣ интихоб намудааст, ки мавриди таҳқиқ, таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Дар қатори дастовартҳои дар автореферат ҷойдошта шуда як қатор эродҳо ҷой доранд, ки аз инҳо иборат мебошанд: **Якум** Хубтару беҳтар мешуд, ки унвонҷӯ дар автореферат тадқиқоти асарҳои олимони иқтисодиёти ватанию дигар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказиро ба пураги зери назар гирифта пешниҳод менамуд. **Дуюм** Таҳлили вазъи ҳозираи заминҳои кишоварзӣ ва рушди захираҳои обию ирригатсионии кишварҳои минтақаро хуб мешуд, ки унвонҷӯ бо микдори фоизноки пурраи минтақави таҳлилу бараси менамуд.

Аз мутолиаи автореферрат бармеояд, ки диссертатсияи омоданамудаи унвонҷӯ Фозилов Раҷабмурод Шодиевич кори илмии ба итмом расида буда ба ба талаботи КОА-и аттестатсионии назди Президенди Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: менеҷмент ҷавобгу мебошад.

**Муқарриз,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**сарходими илмии ИИваД АМИТ** **Мирсаидов А.Б.**

**Сардори шуъбаи**
**кадрҳои ИИваД АМИТ** **Қурбонов Э.Т.**

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ